*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волояти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 99 (4519) | ЧОРШАНБЕ, 10 АВГУСТИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ВИЛОЯТИ СУҒД



**9 августи соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сафари корӣ ба вилояти Суғд ташриф оварданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода ва дигар масъулон истиқбол гирифтанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷараёни сафари корӣ ба як қатор шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар ифтитоҳи иншооти нави таъиноти гуногун иштирок намуда, бо рафти корҳои кишоварзӣ, истифодаи самараноки замин, истеҳсоли маҳсулоти озуқа, таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти ватанӣ, захираи озуқаворӣ шинос мешаванд ва бо аҳли заҳмату сокинони вилоят воҳӯрию мулоқот анҷом медиҳанд.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Бӯстон филиали Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар вилояти Суғдро расман ифтитоҳ намуданд.**

Ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки филиали мазкур моҳи августи соли 2004 бо қарори Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таъсис дода шуда, он аз маъмурият, сектори илмӣ-таҳқиқотӣ ва хизматрасониҳои техникӣ, бахши иҷозатномадиҳӣ, санҷиш ва вокуниш ба садамаҳои химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроӣ иборат аст.

Бинои нави филиали агентӣ дар шаҳри Бӯстони вилояти Суғд бо мақсади саҳмгузорӣ ба ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба эълон намудани солҳои 2020 - 2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» ва иҷрои «Консепсияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба безараргардонӣ ва солимгардонии маҳфузгоҳҳои партовҳои коркарди маъдани уран барои солҳои 2014-2024» бунёд шудааст.

Бино аз се ошёна, таххона, ду ошёнаи болоӣ дар масоҳати 607 метри мурабба иборат буда, аз ҷониби муҳандис - бинокорони шуъбаи сохтмони асосии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон сохта шудааст.

Сохтмони бинои мазкур моҳи майи соли 2021 оғоз ва моҳи июни соли 2022 анҷом ёфтааст.

Дар ошёнаи якуми бино ҳуҷраҳои кории кормандон, қабулгоҳ барои шаҳрвандон, ҳуҷраҳои кории секторҳои филиали агентӣ, бахши илмӣ - таҳқиқотӣ ва хизматрасониҳои техникӣ, сектори иҷозатномадиҳӣ, санҷиш ва вокуниш ба садамаҳои химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроӣ, толори маҷлисгоҳ ҷойгир шудаанд.

Дар ошёнаи дуюми бино толори барҳавои замонавӣ барои 40 ҷои нишаст ва ду ҳуҷраи махсус мавҷуд буда, барои фаъолияти Маркази матбуот ва Маркази омӯзишӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар таххона озмоишгоҳҳо ҷойгир шуда, дорои чор ҳуҷраи корӣ мебошанд. Озмоишгоҳҳои радиохимия ва спектрометрия бо таҷҳизоти муосири ченкунии фони радиатсионӣ, дозаи радиатсионӣ ва гузаронидани таҳлилҳо, корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ муҷаҳҳаз шудааст.

Ҳамчунин, дар филиали агентӣ озмоишгоҳҳои сайёр таъсис дода шудаанд, ки бо мошинҳои махсус барои интиқоли маводу партовҳои радиоактивӣ ва муайян намудани гардиши ғайриқонунии моводи радиоактивӣ муҷаҳҳаз мебошанд

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо шароити кории фароҳамшуда шинос шуда, таъкид карданд, ки ин ниҳоди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ҳамчун мақоми танзимгари давлатӣ дар соҳаи таъмини бехатарии ядроӣ, радиатсионӣ ва ҳамоҳангсози амнияти химиявӣ ва биологӣ нақши муҳим дорад.

Дар филиали агентӣ 20 корманд, аз ҷумла доктррон ва номзадҳои илм, фаъолият менамоянд. Қисмати асосии кормандонро ҷавонон ташкил медиҳанд, ки дар марказҳои бонуфузи илмии мамлакатҳои пешрафта таҳсил карда, аз таҷрибаомӯзӣ гузаштаанд.

Бояд гуфт, ки филиали агентӣ дар танзими давлатӣ дар соҳаи таъмини бехатарии ядроӣ, радиатсионӣ ва ҳамоҳанг сохтани кор дар самти амнияти химиявӣ ва биологӣ дар вилояти Суғд нақши муҳим дорад.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Бӯстони вилояти Суғд, инчунин, коргоҳи дӯзандагии Корхонаи воҳиди давлатии «Фулузоти нодири Тоҷикистон»-ро ба истифода доданд.**

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки дар ин коргоҳи дӯзандагӣ 45 зану бонувон ва духтарони бешуғл бо ҷои кори доимӣ таъмин гардида, дар навбати аввал музди маошашон 1800 сомониро ташкил медиҳад.

Коргоҳи дӯзандагӣ дар заминаи корхонаи фаръии «Зари Суғд»-и Корхонаи воҳиди давлатии «Фулузоти нодири Тоҷикистон» дар асоси дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва саҳм гузоштан дар татбиқи саноатикунонии босуръати мамлакат ташкил гардида, дар он истеҳсоли либоси мактабӣ, либосҳои махсус барои кормандони соҳаҳои гуногун ба роҳ монда шуда, ба сифати маҳсулот таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардидааст.

Дастгоҳу таҷҳизоти дӯзандагиву истеҳсолӣ аз давлатҳои Туркия, Чин ва Ӯзбекистон ворид шуда, дар умум маблағи сармоягузорӣ қариб 2 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Коргоҳи дӯзандагӣ иқтидор дорад, ки дар як сол ба маблағи 10 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда, талаботи сокинони шаҳри Бӯстонро бо либоси мактабӣ қонеъ намуда, бо дигар минтақаҳои вилояти Суғд дар ин самт ҳамкориро ба роҳ монад. Масъулини коргоҳ нақша доранд, ки дар асоси фармоиш либосҳои мактабиро бо тарҳи зебо ва бо сифати хуб омода намоянд.

Коргоҳи дӯзандагии КВД «Фулузоти нодири Тоҷикистон» аз ду минтақа иборат мебошад. Дар минтақаи аввал истеҳсоли либоси мактабиву корӣ, дар минтақаи дуюм либосҳои махсуси ивазкунандаи воридот, аз ҷумла либосҳои махсуси низомӣ, либосҳои муҳофизатии химиявӣ, хаймаҳои саҳроии ҳарбӣ, болопӯши нақлиёти низомӣ ва болопӯшҳои қароргоҳи низомӣ истеҳсол мегардад.

Ба коргоҳ таҷҳизоти муосири ороишгарӣ ва нусхагирии маҳсулот ворид шудааст, ки кори ороишгарону дизайнеронро осон мекунад.

Дар коргоҳи мазкур дастгоҳҳои муосир муҷаҳҳаз бо барномаҳои махсуси автоматӣ ва фарогири 280 намуди ороиш барои омода намудани кӯрпаҳои гуногунҳаҷм мавҷуд буда, он барои рақобатпазир будани маҳсулот мусоидат мекунад.

Масъулини корхона маҳсулоти истеҳсоли коргоҳи дӯзандагиро ба намоиш гузоштанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастур доданд, ки ба сифати маҳсулоти истеҳсолӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир шавад.

Дар асоси ҳидоятҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зарфиятҳои истеҳсолӣ дар корхона марҳила ба марҳила истифода гардида, бо ин васила, ҷойҳои нави кор муҳайё ва ҳаҷми истеҳсолот зиёд мегардад.

Зимни муаррифии лоиҳаи ташкили хатҳои нави истеҳсолӣ дар заминаи Корхонаи воҳиди давлатии «Фулузоти нодири Тоҷикистон» ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маълумот дода шуд, ки дар солҳои оянда сехи истеҳсоли либоси варзишӣ бо 23 ҷои нави кор, хатти истеҳсоли қуттиҳо барои тухм бо 18 ҷои кор, сехи истеҳсоли чарххои буранда бо 30 ҷои кор ва нуқтаи хизматрасонии техникӣ бо 15 ҷои кор ташкил мегардад. Дар сехҳои нав асосан маҳсулоти ивазкунандаи воридот ва ба содирот нигаронидашуда истеҳсол мешавад.

**Дар шаҳри Бӯстони вилояти Суғд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, коргоҳи қолинбофии Корхонаи воҳиди давлатии «Фулузоти нодири Тоҷикистон»-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**




Ба Президенти мамлакат иттилоъ дода шуд, ки коргоҳи қолинбофии дастӣ бо истифода аз нахи абрешим дар мамлакат нахустин буда, дар он ҳунармандони тоҷик якҷо бо ҳунармандони кишвари дӯсту бародар - Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба омода намудани қолинҳои хуштарҳ машғуланд.

Дар коргоҳи қолинбофӣ 14 нафар зану духтар бо омезиш додани тору пуд дар қолинҳо нақш меофаранд. Барои омода намудани як қолини дастибоф мувофиқ ба ҳаҷмаш то 6 моҳ ва зиёда аз он вақт сарф мешавад. Ба коргоҳ 14 дастгоҳи қолинбофӣ ва дигар намуди ҳунарҳои дастӣ аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон ворид шудааст.

Ҳунари дастӣ, ки заҳмати зиёдро талаб мекунад, ҳамеша харидори зиёд дорад. Дар замони соҳибистиқлолӣ ба эҳёи анъанаҳои миллӣ, аз ҷумла ҳунарҳои мардумӣ, таваҷҷуҳи бештар зоҳир шуд. Бо дастгирӣ ва ғамхории Ҳукумати мамлакат садҳо марказҳои ҳунармандӣ, аз ҷумла атласу адрасбофӣ ва қолинбофӣ, ташкил гардида, дар самти соҳибкасб шудани занону духтарони бешуғл замина фароҳам шуд.

**(Давомаш дар саҳ. 2-3)**

## 10 август – Рӯзи варзишгарон

# БА ШАРОФАТИ ВАРЗИШГАРОНИ ТОҶИК 6012 МАРОТИБА ПАРЧАМИ ДАВЛАТӢ БАРАФРОХТА ШУД

## Мусоҳиба бо раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдулло Раҳмонзода

**- Пешрафти соҳаи варзишро дар замони соҳибистиқлолӣ чӣ гуна арзёбӣ мекунед?**

- Соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Ҳукумати мамлакат ба ҳисоб меравад. Он маҳз ба хотири оммавияти варзиш, таҳкими тарзи ҳаёти солим, омодакунии варзишгарони касбӣ барои иштирок дар мусобиқаҳои бонуфузи байналмилалӣ равона шудааст.



Бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсису барқарор намудани муассисаҳои варзишӣ, баргузор намудани чорабиниҳои оммавӣ, варзишӣ, солимгардонӣ ва иштироки варзишгарон дар мусобиқаҳои байналмилалӣ ба марҳилаи сифатан нав ворид гардид. То даврони соҳибистиқлолӣ дар мамлакат қариб ҳазор иншооти гуногуни варзишӣ мавҷуд буда, шумораи онҳо дар 31 соли соҳибистиқлолӣ зиёда аз 9 маротиба афзуд.

Давраи оғози рушди инфрасохтории соҳаро ба соли 2010 рабт додан мумкин аст. Дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки соли 2010 дар мулоқот бо варзишгарони кишвар ба масъулин дода шуд, боиси устуворгардонии заминаи моддию техникӣ барои оммавигардонии варзиш ва омода намудани варзишгарони касбии сатҳи ҷумҳурӣ ва байналмилалӣ гардид. Дар ин замина солҳои 2011-2021 – ум, 3135 иншооти асосии варзишӣ сохта шуда, зиёда аз 2000 иншоот таъмиру таҷдид гардид.

**- Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (22 декабри соли 2017) зимни таҳлили сиёсати ҷавонон, аз ҷумла, таъкид карданд: «Мо бояд ба оммавигардонии варзиш, таблиғи тарзи ҳаёти солим ва рушд дар мамлакат таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоем». Ин дастури Сарвари давлат чӣ тавр дар амал татбиқ мешавад?**

- Ҳанӯз аз рӯзҳои аввали ба даст овардани соҳибистиқлолӣ, дар баробари дигар соҳаҳо, самти тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар маркази таваҷҷуҳи Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Ҳар сол, зимни ироаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ оид ба оммавигардонии варзиш, таблиғи тарзи ҳаёти солим ва рушди бемайлони варзиш дастуру супоришҳои мушаххас дода мешаванд. Алалхусус, дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олӣ ҷиҳати дар даҳ соли оянда дар ҳар як деҳа ва маҳалҳои аҳолиашон аз 100 хоҷагӣ зиёд муассисаи томактабӣ, толор ва майдони варзиш бунёд намудан, барои ҳар чӣ бештар ҷалб намудани аҳолӣ ба таҳкими тарзи ҳаёти солим саривақтӣ мебошад.

Кумита дар доираи ваколат баҳри таъмини оммавияти тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, ташвиқу таблиғи тарзи ҳаёти солим, ҷалби бештари наврасону ҷавонон ба варзиши касбӣ ва муҳайё намудани имкониятҳои мусоиди инфрасохторию ташкилӣ барои варзишгарон мунтазам тадбирҳои заруриро роҳандозӣ менамояд.

Дар асоси нақшаи кори кумита ҳар рӯзи шанбе бо ҷалби кормандони вазорату идораҳо, муассисаҳои давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо машқҳои пагоҳирӯзӣ таҳти унвони «Зебоӣ, тавоноӣ ва доноӣ аз варзиш вобаста аст» баргузор мешавад. Ҳамчунин, дар доираи таҷлили ҷашну идҳои миллӣ байни наврасону ҷавонон чорабиниҳои гуногуни оммавӣ - варзишӣ ташкил мегардад.

Кумита соли дуюм аст, ки мусобиқаҳои варзиширо аз рӯи намудҳои футбол, волейбол, шоҳмоту шашка ва гӯштӣ ва дигар намуди варзиши миллӣ дар чор марҳила, яъне байни деҳаю маҳаллаҳои деҳот, ноҳиявӣ - байни ғолибони марҳилаи якум, минтақавӣ - вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ доир намуда истодааст. Дар нимсолаи якуми соли 2022 дар натиҷаи тадбирҳои андешида дар ҷумҳурӣ 22 ҳазору 620 чорабинии оммавӣ - варзишӣ, солимгардонӣ ва машқҳои пагоҳирӯзӣ (нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1021 чорабинӣ зиёд) бо фарогирии 1 миллиону 979 ҳазору 250 нафар, аз ҷумла 338 ҳазору 431 нафар бонувон ва бо ҷалби 1 миллиону 262 ҳазору 438 мухлису тамошобинон баргузор шуд.

**- Зимни нишасти матбуотӣ қайд кардед, ки гирифтани медалҳои тилло аз сӯи варзишгарони тоҷик дар мусобиқаҳои байналмилалӣ дар нимсолаи аввали соли 2022 ду баробар афзуд…**

- Варзишгарони кишвар дар мусобиқаҳои байналмилалӣ пайваста иштирок намуда, нуфузу эътибори Тоҷикистонро баланд бардошта, мамлакатро дар арсаи ҷаҳонӣ шоиста муаррифӣ намуда истодаанд.

Дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ 295 нафар ба мусобиқаҳои сатҳи байналмилалӣ ва ҷамъомадҳои таълимию варзишии берун аз кишвар сафарбар гардида, 46 нафар аз ҳисоби кумита 609 ҳазору 851 сомонӣ маблағгузорӣ гардиданд. Ҳамчунин, 1531 нафар варзишгар имкон пайдо карданд, ки дар мусобиқаҳои сатҳи байналмилалӣ, ки дар Тоҷикистон баргузор гардид, иштирок ва 269 медал ба хазинаи варзишии мамлакат ворид намоянд. Аз ин шумора 64 медали тилло, 77 - нуқра ва 128 медали биринҷиро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021-ум 38 медали тилло, 43 - нуқра ва 97 медали биринҷӣ зиёд мебошад.

Мавриди зикр аст, ки 269 маротиба Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мусобиқаҳои сатҳи байналмилалӣ баланд ва Суруди Миллӣ садо додааст.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ барои натиҷаи варзишгарони тоҷик дар арсаи байналмилалӣ 6012 маротиба Парчами давлатии Тоҷикистон барафрохта шуда, зиёда аз 1861 маротиба Суруди Миллӣ садо дод.

**- Дар солҳои соҳибистиқлолӣ чанд варзишгари тоҷик чемпиони ҷаҳон шуд?**

- Дар чемпионатҳои ҷаҳон варзишгарони кишвар зиёда аз 70 медали тилло ба даст овардаанд. Медали тиллоии Дилшод Назаров дар Бозиҳои XXXI олимпии Рио - де – Жанейро - 2016 туҳфаи арзанда барои миллати шарафманди тоҷик буд. Инчунин, Юсуф Абдусаломов ҷоизадори медали нуқраи Бозиҳои олимпии Пекин - 2008 оид ба гӯштии тарзи озод, Расул Боқиев ҷоизадори медали биринҷии Бозиҳои олимпии Пекин - 2008 ва чемпионати ҷаҳон оид ба дзюдо, Мавзуна Чориева ҷоизадори медали биринҷии Бозиҳои олимпии Лондон - 2012 оид ба бокс, Сомон Маҳмадбеков - чемпиони ҷаҳон байни ҷавонон оид ба гӯштии дзюдо, Баҳодур Усмонов - чемпиони Осиё оид ба бокс, Комроншохи Устопириён - чемпиони Осиё оид ба дзюдо, Шаҳриёр Даминов - чемпиони Осиё оид ба қаиқронӣ, Адам Исоқов - чемпиони Осиё байни наврасон (дзюдо,) Фаррухи Салим - чемпиони Осиё оид ба дзюдо, Хуршед Маҷидов - ҷоизадори медали нуқраи Чемпионати ҷаҳон оид ба дзюдо, Малика Лагутенко - чемпиони Осиё оид ба тирпарронӣ, Шоира Зулқайнарова - ҷоизадори медали биринҷии чемпионати Осиё оид ба бокс, Набимуҳаммад Хоркашев - ҷоизадори медали нуқраи Чемпионати ҷаҳон оид ба самбо, Акмалиддин Каримов - ҷоизадори медали нуқраи Чемпионати ҷаҳон оид ба самбо ва дастаи мунтахаби Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба футбол - ҷоизадори медали биринҷии Чемпионати Осиё гардидаанд.

Пас аз 42 сол, яъне баъди чемпиони ҷаҳон оид ба самбо гардидани ҷаҳонпаҳлавон Саидмуъмин Раҳимов дар Чемпионати ҷаҳон аз рӯи намуди самбо, ки соли 2017 дар шаҳри Сочии Федератсияи Россия баргузор шуд, Беҳрӯз Хоҷазода чемпиони ҷаҳон гардид.

**- Барои рушди соҳаи варзиш дар Тоҷикистон чӣ нақшаҳо доред?**

- Пеш аз ҳама, барои рушди варзиш дар кишвар кумита заминаҳои меъёрии соҳаро мустаҳкам намуда истодааст. 23 декабри соли 2021 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш»дар таҳрири нав қабул гардид, ки дар заминаи он санадҳои зерқонунӣ таҳия шуда истодааст. Инчунин, баҳри баланд бардоштани малакаи кории мутахассисони соҳа як қатор тадбирҳоро роҳандозӣ намудем. Дар ин замина, мутахассисон аз хориҷи кишвар ҷалб гардиданд.

**- Мушкили асосии варзишгарони тоҷик кадом аст?**

**-** Мушкили асосии варзишгарони тоҷик аз нигоҳи равонӣ омода набудани онҳо мебошад. Яъне, нарасидани мутахассисони самти равоншиносӣ. Баҳри омода ва ҷалб намудани равоншиносон, мутахассисони соҳаи тибби варзишӣ ҷаҳду талош карда истодаем.

---

**Марҷонаи ЮСУФ, «Садои мардум»**

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ВИЛОЯТИ СУҒД

(Идома аз саҳ. 1)



Бино ба маълумоти оморӣ, дар вилояти Суғд 283 маркази ҳунармандӣ амал мекунад. Маҳсули ҳунари дасти ҳунармандонро асосан сайёҳон, ки ба Тоҷикистон ташрифашон сол аз сол зиёд мегардад, ҳамчун армуғон харидорӣ мекунанд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбат бо ҳунармандони коргоҳи қолинбофии Корхонаи воҳиди давлатии «Фулузоти нодири Тоҷикистон» ва ҳунармандони шаҳри Марғелони вилояти Фарғонаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба маҳсули дасти бонувон баҳои баланд дода, барои рушди қолинбофӣ ва дигар ҳунарҳои мардумӣ масъулинро вазифадор намуданд.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Бӯстон корхонаи истеҳсоли коғазҳои рангаи Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Дурахшон Бӯстон»-ро низ ба истифода доданд.**

Он бо саҳми соҳибкори ватанӣ Ғайбулло Раҳмонов, бо мақсади таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти ватании ивазкунандаи воридот, бо 20 ҷои кор, дар масоҳати 0,47 гектар таъсис дода шудааст.

Барои бунёди корхона ва таъмини таҷҳизоти технологияи инноватсионӣ 7 миллион сомонӣ маблағ харҷ гардид. Дастгоҳу таҷҳизоти истеҳсолӣ аз ширкатҳои бонуфузи Ҷумҳурии Халқии Хитой харидорӣ ва насб шуда, маҳсулот дар таҷҳизоту дастгоҳи муосир бо риояи технологияҳо дар якчанд марҳила амалӣ мегардад.

Ифтитоҳи корхонаи нави истеҳсоли коғазҳои ранга ташаббус ва иқдоми соҳибкорони ватанӣ дар заминаи таваҷҷуҳи Пешвои миллат ва дастгирии давлатии соҳибкории истеҳсолист.

Ба Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки иқтидори истеҳсолии корхона дар як моҳ 20 тонна ва дар як сол 240 тонна коркарди ашёи хом мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ташаббусҳои созандаи соҳибкорон оид ба ҳиссагузорӣ дар панҷсолаи рушди соҳаи саноат баҳои баланд дода, таъкид намуданд, ки маҳз рушди соҳаи саноат аз имконияту иқтидорҳои таҳкими содирот мебошад.

Дар саҳни корхонаи истеҳсоли коғазҳои рангаи Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Дурахшон Бӯстон» маҳсулоти истеҳсолнамудаи корхонаҳои саноатии шаҳри Бӯстон, аз ҷумла корхонаи истеҳсоли қубурҳои оҳанин ва профилҳои ҶДММ «Ганҷофар», корхонаи истеҳсоли мехи печони ҶДММ «Нуртез», корхонаи истеҳсоли халтаҳои калонҳаҷми ҶДММ «Суғдпак-2», маҳсулоти истеҳсоли ҶДММ «Мироб», ҶДММ «Гарант Микст», ҶДММ «Зинат» ва ҶДММ «Тоҷфилиз» ба намоиш гузошта шуд.

Саноатчиёни шаҳри Бӯстон дар нимсолаи аввали соли равон ба маблағи 286,2 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол намудаанд. Маврид ба зикр аст, ки аз соли 2017 то инҷониб дар шаҳри Бӯстон бо иштироки бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 17 корхонаи саноатии гуногун мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта, дар натиҷа садҳо нафар соҳиби ҷои кор шуданд.

**9 августи соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров Корхонаи истеҳсоли халтаҳои полипропиленӣ ва полиэтилении Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ориён Пак»-ро мавриди истифода қарор доданд.**

Корхонаи мазкур дар масоҳати 0,54 гектар, бо харҷи 4,6 миллион сомонӣ сармояи дохилӣ аз ҷониби соҳибкорони маҳаллӣ Муинҷон Ҳусайнов, Файзуллоҷон Улмасбоев ва Саидакмал Олимов бунёд шуда, аз ду ошёна иборат аст.

Дар ошёнаи якуми бино истеҳсоли ресмону ороиши халтаҳо ва дар ошёнаи дуюм истеҳсол ва бандубасти халтаҳо ба роҳ монда шудааст.

Зимни боздид аз корхонаи мазкур Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарият ва мутахассисони корхонаи истеҳсолӣ дастур доданд, ки ба сифати маҳсулот таваҷҷуҳ зоҳир намуда, содироти онро ба роҳ монанд.

Дар корхонаи истеҳсоли халтаҳои полипропиленӣ ва полиэтиленӣ дар маҷмӯъ 100 ҷои кор мавҷуд буда, айни замон 86 сокини шаҳру ноҳияҳои вилоят бо ҷои кори доимӣ ва маоши хуб таъминанд. Маоши миёнаи кормандон аз 1 ҳазору 200 то 1 ҳазору 500 сомониро ташкил медиҳад.

Таҷҳизоти корхона аз Ҷумҳурии Халқии Хитой дастрас шудааст. Шумораи дастгоҳ аз 32 мошини бофандагӣ, 4 мошини дӯзандагӣ ва 5 дастгоҳи ресандагию ороишӣ иборат буда, маҳсулоти истеҳсолнамудаи он ҷавобгӯи меъёрҳои ҷаҳонӣ мебошад.

Дар корхона дар як шабонарӯз аз 20 то 25 ҳазор дона халта истеҳсол шуда, нарх ба ҳаҷм ва сифати онҳо вобаста мебошад.

Соҳибкорон ашёи хомро аз ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Туркманистон, Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Халқии Хитой ворид менамоянд.

Маҳз таваҷҷуҳ ва дастгирии Пешвои миллат нисбат ба соҳибкорон аст, ки дар воридоти маҳсулоти хом имтиёзҳо пешбинӣ шуда, ин иқдом боиси рушди соҳаи саноат ва амалишавии ҳадафи чоруми мамлакат - саноатикунонии босуръати кишвар гардид.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин, аз ангурзори Хоҷагии деҳқонии «Дӯстӣ»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров боздид намуданд.**

Хоҷагии деҳқонии «Дӯстӣ»-ро оилаҳои Муҳиддиновҳо ва Тоҳировҳо аз ноҳияи Бобоҷон Ғафуров бунёд намуда, имрӯз зиёда аз 10 аъзои он ба ангурпарварӣ машғул ҳастанд.

Хоҷагидорон ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки хоҷагии ангурпарварӣ соли 2015 дар ҳамкорӣ ва бо истифода аз таҷрибаи бои ангурпарварони шаҳри Турсунзода бунёд шудааст.

Масоҳати умумии ангурзор 3 гектарро ташкил дода, дар он 1000 бех ниҳоли ангури навъҳои «Ҳусайнӣ», «Шоҳона», «Победа», «Ҳусайнии сиёҳ» ва дигар намудҳо барои таъмини бозори дохилӣ ва содирот парвариш мешаванд.



Хоҷагидорон аз он қаноатманданд, ки ду сол инҷониб ҳосили фаровон ба даст оварда истодаанд. Соли гузашта он 25 тоннаро ташкил дод. Имсол ҳосил хеле фаровон буда, интизор меравад, ки ангурпарварон дучанд ҳосил мегиранд.

Мавриди зикр аст, ки парваришу нигоҳубини ангур дар Хоҷагии деҳқонии «Дӯстӣ» аз рӯи таҷрибаву анъанаҳои миллии ангурпарварии халқи тоҷик бо истифода аз талаботи агротехникии пешрафта ва муосир, аз ҷумла усули интенсивӣ, ба роҳ монда шудааст.

Зимни суҳбат бо хоҷагидорон Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз фаъолияти ангурпарварон, ҷамъоварии ҳосил қаноатмандӣ намуда, барои боз ҳам зиёд кардани майдони токзори хоҷагӣ, ташкили ҷойҳои нави кор, ба роҳ мондани парвариши навъҳои дигару ҳосилхези ангур, зиёд намудани ҳосилнокӣ ба масъулони хоҷагӣ маслиҳатҳои муфид доданд.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи сафари корӣ, ҳамчунин, ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров аз боғи себ ва бодоми Муассисаи давлатии «Боғи миллии Ваҳдат» дидан намуданд.**

Боғи себ 5,21 гектарро ташкил дода, дар он асосан навъи «Семеренко», ки маъмултарин намуди себ ба ҳисоб меравад, парвариш меёбад. Ниҳолҳои себ 1400 бех буда, бо андозаи 6 бар 6 шинонида шудаанд. Ин тарзи анъанавии бунёди боғ мебошад. Алҳол боғи себ ғарқи ҳосил аст ва меваи он дар моҳи сентябр пурра пухта мерасад.

Боғи мазкур соли 2008 таъсис ёфта, он аз соли 2013 самар медиҳад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суҳбат бо хоҷагидорону боғдорон таъкид намуданд, ки боғу боғдорӣ аз самтҳои муҳиму афзалиятноки соҳаи кишоварзӣ буда, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри рушди соҳа, афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли меваҳои шаҳдбор, ки дар баробари таъмини бозорҳои ватанӣ аз иқтидорҳои содиротии кишвар ба ҳисоб меравад, тадбир меандешад.

Боғи бодом соли 2008 дар масоҳати 4 гектар бунёд ва дар он 1200 бех ниҳоли бодом шинонида шудааст. Давраи пухта расидани меваи донакдори бодом июлу август аст. Парваришу ҳосилбандии меваи бодом собит менамояд, ки иқлиму обу хоки минтақа ба парваришу истеҳсоли бодом мувофиқ аст. Намудҳои «Лангедок», «Десерти», «Пистабодом» аз навъҳои асосии боғи бодом мебошанд.

Дар маҷмӯъ, дар «Боғи миллии Ваҳдат» дар 33,21 гектар боғи себ бо фарогирии навъҳои «Ҳусни Юсуф», «Ренет», «Розмарин», «Семеренко» ва дар 12,14 гектар боғи бодом мавҷуд аст.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров дар Муассисаи давлатии «Боғи миллии Ваҳдат» аз намоишгоҳи маҳсулоти кишоварзӣ ва анвои меваю сабзавот боздид намуданд.**

Дар намоишгоҳ кишоварзони меҳнатқарини шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд, ки имрӯзҳо дар ҳама бахшҳои кишоварзӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидаанд, самараи меҳнаташонро ба маъраз гузоштанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо маҳсули заҳмати сокинони 18 шаҳру ноҳияи вилояти Суғд ба роҳбарони шаҳру ноҳияҳо ва мутахассисони соҳаи кишоварзӣ ҷиҳати истеҳсолу захираи кофии маҳсулоти ғизоӣ, хӯроки чорво, афзоиши иқтидори истеҳсолии хоҷагиҳо, таъмини бозорҳои кишвар бо маҳсулоти тару тозаи босифат ва содироти он ба хориҷи кишвар дастуру тавсия доданд.

Кишоварзони вилояти Суғд соли ҷорӣ ҷиҳати амалӣ намудани дастуру супоришҳои Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин, баҳри дар амал татбиқ намудани барномаҳои давлатӣ софдилонаю муташаккилона фаъолият намуда, дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ кишту парвариши 279 ҳазору 768 гектар зироатро амалӣ намуданд, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли пешин зиёд мебошад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз фаровонии асал, тарбузу харбуза, ангур, помидор ва дигар навъҳои меваю сабзавот ва полезию лӯбиёгиҳо, ки аксаран маҳсулоти содиротӣ мебошанд, қаноатмандӣ намуда, таъкид доштанд, ки истеҳсоли чунин маҳсулот ва коркарди он дар корхонаҳои саноатӣ бояд афзун гардад ва аз ин ҳисоб иқтидори содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон боло бардошта шавад.

Зимни тамошои намоишгоҳи маҳсулоти кишоварзӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба натиҷаҳои фаъолияти аҳли заҳмат ва дастовардҳои бузурги меҳнатии онҳо баҳои баланд дода, рушди соҳаи кишоварзиро омили муҳими таъминкунандаи амнияти озуқаворӣ арзёбӣ карданд.

Дар намоишгоҳи маҳсулоти кишоварзӣ ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, соҳибкор аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон Муъминҷон Юлдошев лоиҳаи Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Суғд-Фарғона Агрокластер»-ро муаррифӣ намуд.

Иттилоъ дода шуд, ки ҷиҳати зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли пахта ва то ҳадди ниҳоӣ коркард намудани он бо истифода аз замини бекорхобидаи ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров ва Ашт 20 ҳазор гектар дар амалишавии лоиҳа фаро гирифта мешавад.

Барои амалишавии лоиҳа маблағгузории 52 миллион доллари америкоӣ пешбинӣ гардида, дар марҳилаи якум 5 ҳазор нафар ва дар марҳилаи дуюм то 20 ҳазор нафар бо ҷои кор таъмин мегарданд. Дар марҳилаи аввали амалишавии лоиҳа 5000 гектар аз тариқи обёрии қатрагӣ ба гардиши кишоварзӣ даровarda мешавад.

Нақшаҳои оғози ҳамкориҳоро бо ҷалби сармояҳои мустақим дар самти истифодаи самараноки замин, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, хусусан нахи пахта ва коркарди минбаъдаи онро дар коргоҳу корхонаҳои бунёдшаванда Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз иқдоми наҷиби соҳибкор маънидод намуданд.

**10 августи соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Истаравшан ташриф оварданд.**

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст корхонаи бисёрсоҳавии саноатии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Шарафи рӯз» - ро ба истифода дода, бо раванди истеҳсоли маҳсулоти ватании ивазкунандаи воридот дар он шинос гардиданд.

Корхонаи муосири саноатӣ дар доираи нақшаи чорабиниҳои созандагӣ ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ – саноатикунонии босуръати кишвар ва «Солҳои рушди саноат», солҳои 2022-2026 бо иқдоми соҳибкорони ватанӣ – Ислом Азимов ва Алишер Сабуров бо харҷи зиёда аз 6 миллион сомонӣ сохта, бо дастгоҳу технологияи муосир муҷаҳҳаз шудааст.

Масоҳати умумии он 7135 метри мураббаъро ташкил дода, биноҳои истеҳсолӣ дар 1850 метри мураббаъ сохта шудаанд.

Самти асосии фаъолияти корхона ба истеҳсоли маҳсулоти сохтмонии ивазкунандаи воридот равона гардида, бо мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтан 100 сокини маҳаллӣ, аз ҷумла занону духтарони хонашин, бо ҷои кор ва маоши баланд таъмин гардиданд. Иттилоъ дода шуд, ки оянда шумораи коргарон ба 200 нафар расонида мешавад.

ҶДММ «Шарафи рӯз» аз коргоҳҳои истеҳсоли бомпӯшҳои пластикӣ, қубурҳои зангназананда, ранги равғанӣ, қуттиҳо барои ранг, қуттиҳои пластикӣ, кафкҳои сохтмонӣ, герметик ва анборҳо барои маҳсулоти хому тайёр иборат мебошад. Роҳандозии истеҳсоли бомпӯшҳои пластикӣ дар корхона нахустин дар миқёси ҷумҳурӣ буда, он дар асоси меъёрҳои ҷаҳонӣ пешниҳоди мизоҷон мешавад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон асноҳ боздид аз коргоҳҳои корхона ва суҳбат бо кормандону мутахассисон ва иқдоми соҳибкорони ватанӣ баҳои баланд дода, таъкид карданд, ки бунёду ба истифода додани чунин корхонаҳо дар таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти хушсифату рақобатпазир ва ивазкунандаи воридот замина гузошта, оянда бо ин роҳ метавон иқтидори содиротии Тоҷикистонро боз ҳам боло бардошт.

Дастгоҳҳо ва хатҳои истеҳсолии ҳамаи коргоҳҳои корхона аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, аз ҷумла Германия, Россия ва Хитой ворид гардида, аз ҷониби мутахассисони ватанӣ идора мешаванд.

Иқтидори истеҳсолии корхона 6500 метри мураббаъ бомпӯши пластикӣ, 6 тонна ранги равғанӣ, 4500 қуттии хушбӯй, 18 ҳазор қуттии пластикӣ барои меваю сабзавот ва 2500 қуттӣ кафки сохтмонӣ дар як моҳ буда, маҳсулоти истеҳсолшаванда дар марҳилаи аввал асосан барои таъмини бозори дохилӣ равона гардидааст.

Роҳбарияти корхона дар асоси дастуру маслиҳатҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқдом пеш гирифтанд, ки оянда бо боло бардоштани иқтидори истеҳсолӣ содироти маҳсулоти босифати ватаниро зери тамғаи «ТаҷФикс» ба кишварҳои ҳамсоя ҳам ба роҳ монанд.

Ашёи хом барои истеҳсоли маҳсулот аз давлатҳои хориҷӣ ва қисман аз корхонаҳои ватанӣ дастрас шуда, қабл ва баъд аз коркард дар озмоишгоҳи назди корхона, ки бо дастгоҳҳои муосир муҷаҳҳаз мебошад, мавриди санҷиши ҳамаҷониба қарор мегирад.

Барои кормандон ҳама шароит муҳайё буда, коргоҳ дорои маҷлисгоҳ ва ошхонаи барҳаво мебошад. Дар назди корхона се гармхона мавҷуд буда, дар онҳо парвариши сабзавот, аз ҷумла бодиринг бо усули муосир ба роҳ монда шудааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз шиносоӣ бо раванди истеҳсолот дар коргоҳҳои корхона аз гӯшаи намоиши маҳсулоти тайёри он боздид намуданд.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин, дар шаҳри Истаравшан корхонаи нассоҷӣ ва дӯзандагии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Нури Истаравшан» - ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Корхонаи нави нассоҷӣ ва дӯзандагӣ, ки самти асосии фаъолияти он ба истеҳсоли ҷӯроб, либоси мактабӣ ва либосҳои фармоишӣ равона гардидааст, аз ҷониби муассис ва роҳбари Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Нури Истаравшан» Исроил Яқубов дар доираи дастгириҳои доимии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд ёфтааст.



Биноҳои истеҳсолии ҶДММ «Нури Истаравшан» дар масоҳати зиёда аз 96 ҳазор метри мураббаъ бо харҷи беш аз 3 миллион сомонӣ сохта, бо дастгоҳу технологияи муосири бофандагию дӯзандагӣ муҷаҳҳаз шудаанд. Дар коргоҳи нассоҷии корхона 60 дастоҳу таҷҳизоти ҷӯроббофӣ аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ворид ва васлу насб гардида, дар он 40 нафар зану духтари хонашин бо ҷои кори доимӣ ва маоши хуб таъмин гардиданд.

Иқтидори истеҳсолии коргоҳи мазкур 800 ҳазор ҷуфт ҷӯроб дар як сол буда, дар оянда бо васеъсозии фаъолият нишондод боз ҳам боло хоҳад рафт.

Ашёи хом, аз ҷумла ресмон барои омода намудани ҷӯроб, аз дохили кишвар ва қисман аз Ҷумҳурии Халқии Хитой дастрас шуда, дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ аз он маҳсулоти ивазкунандаи воридот омода мешавад. Ҷӯробҳои истеҳсолии корхона баробари таъмини бозори дохилӣ ба кишварҳои хориҷӣ низ содирот мегардад.

Асноҳ шиносоии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо шароити муосири кор ва раванди истеҳсолот иттилоъ дода шуд, ки талаботи солона ба ҷӯроб дар ҷумҳурӣ 70 миллион ҷуфт мебошад ва иқтидори амалкунандаи корхонаҳои истеҳсолии ватанӣ 73 миллион ҷуфт ҷӯроб дар як солро дар бар мегирад.

Дар коргоҳ дӯхти либоси ягонаи мактабӣ низ ба роҳ монда шуда, навтарин технология аз кишварҳои тараққикардаи дунё бо харҷи 25 ҳазор доллари америкоӣ ворид ва бо ҷалби мутахассисони ватанӣ васлу насб карда шудаанд. Дӯхти либоси мактабӣ ва дигар сарулибос дар асоси фармоиши мизоҷон дар коргоҳ бо истифода аз 55 таҷҳизот ба роҳ монда шуда, 60 нафар зану духтари маҳаллӣ, ки аксаран хонашин буданд, ба кор ҷалб гардидаанд. Иқтидори истеҳсолии коргоҳи мазкур 60 ҳазор ҷуфт либоси ягонаи мактабӣ дар як сол мебошад.

Дар маҷмӯъ, бо мавриди истифода қарор гирифтани корхонаи нассоҷӣ ва дӯзандагии «Нури Истаравшан» 100 нафар сокини маҳаллӣ бо ҷои кори доимӣ ва маоши хуб таъмин гардиданд.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, биноҳ шуъбаи шаҳри Истаравшани Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғдро мавриди истифода қарор доданд.**

Таъкид гардид, ки биноҳ зикршуда дар доираи нақшаи чорабиниҳои созандагӣ ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ сохта шудааст.

Кор дар иншоот соли 2021 оғоз гардида, бо сифати баланд ва тарҳи муосир бунёд шуда, ҳангоми сохтмони он 40 сокини маҳаллӣ ба кор ҷалб гардида буданд. Бино аз 3 ошёна иборат аст.

Барои таъмини кормандони ин ниҳод бо манзили зист дар ошёнаи сеюми бино 4 хонаи истиқоматӣ бо ҳама шароит мавҷуд аст, ки аз таваҷҷуҳи хосаи роҳбарияти олии Давлату Ҳукумати мамлакат ҷиҳати баланд бардоштани шароити хизматчиёни ҳарбӣ шаҳодат медиҳад.

Инчунин, бино дорои маҷлисгоҳ барои 90 нафар, китобхона, ошхона, ҳаммом ва толори варзиш буда, низоми гармидиҳии аз тариқи ангишт ва қувваи барқ фаъолият мекунад. Саҳни он пурра чароғон ва роҳравҳои гирду атроф сафолак ва асфалтпӯш шуда, барои фарзандони хизматчиён дар масоҳати ҳазор метри мураббаъ майдончаи бозии кӯдаконаи муҷаҳҳаз бо лавозимоти зарурӣ сохта шудааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ аз утоқҳои корӣ ва дигар шароити фароҳамгардида ба корҳои сохтмонӣ баҳои баланд дода, кормандонро барои хизмати софдилона ба нафъи давлату миллат ҳидоят намуданд.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, биноҳ шуъбаи минтақавии мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккили Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Истаравшанро ба истифода доданд.**

Он аз се ошёна, таҳхона ва 9 утоқи корӣ иборат буда, дар масоҳати зиёда аз 900 метри мураббаъ бо тарҳи зебо сохта шудааст. Дар ошёнаи якум ҳуҷраи қабули шаҳрвандон, қисми навбатдорӣ, 3 ҳуҷраи корӣ, китобхона бо 5 ҷои нишаст ва 500 адабиёти гуногун, аз ҷумла китобҳои соҳавӣ, ҷойгир шуда, 5 ҳуҷраи коргарону роҳбарият ва толори маҷлис бо 30 ҷой дар ошёнаи дуюми бино мавҷуд аст.

Бо мақсади дастгирии кормандон ва таъмини онҳо бо манзили истиқоматӣ дар ошёнаи сеюми бино 4 хонаи ду ҳуҷрадори муҷаҳҳаз бо ҳама шароити зист сохта шудааст, ки ин амал боиси рӯҳбаландии кормандон гардид. Дар таҳхонаи иншоот толори машқу тамрин, ошхона барои 25 нафар, анбори нигоҳдории маҳсулот ва дигар ҳуҷраҳои ёрирасон мавҷуд мебошад.

Биноҳ шуъбаи минтақавии мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккили Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Истаравшан мутобиқ ба талаботи замон бунёд шуда, ҳамаи утоқҳои корӣ бо мизу курсии нав ва технологияи компютерӣ муҷаҳҳаз буда, дорои маркази гармидиҳии аз тариқи ангишт ва қувваи барқ фаъолияткунанда мебошад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати корҳои анҷомёфта баҳои баланд дода, кормандони милитсияро барои садоқатмандона хизмат кардан ба Ватан, саҳм гузоштан дар коҳиш ёфтани сатҳи ҷинояткорӣ, пешгирии он, таъмини волоияти қонун ва ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ҳидоят намуданд.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо бардоштани парда аз рӯи лавҳаи рамзӣ дар хиёбони Исмоили Сомонии шаҳри Истаравшан биноҳ маъмурии Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро низ ба истифода супориданд.**

Он аз таҳхона ва се ошёна иборат буда, дорои 8 ҳуҷраи корӣ, ду маҷлисгоҳ бо 100 ҷои нишаст, китобхона ва дигар инфрасохтори зарурӣ мебошад.

Иншоот дар масоҳати 312 метри мураббаъ бо тарҳи муосир аз ҷониби Кумитаи марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, аъзои ҳизб ва соҳибкорони маҳаллӣ бунёд шудааст.

Муҷаҳҳаз намудани ҳуҷраҳои корӣ бо лавозимоти зарурӣ имкон медиҳад, ки минбаъд 11 корманди Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Истаравшан бо истифода аз шароити лозим бо азму иродаи қавӣ ва ҳисси баланди ватандӯстӣ фаъолият намоянд. Айни ҳол Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Истаравшан 13 ҳазору 802 нафар аъзо дорад, ки аз ин 53 дарсадро ҷавонон ташкил медиҳанд.

Дар баробари бунёди ҳуҷраҳои муосир ва дастрас намудани лавозимоти зарурӣ, ҳамчунин, атрофи бино бо шинонидани гулу буттаҳои ороишӣ ва чароғонмамоӣ ободу зебо гардонида шудааст.

Президенти мамлакат, Раиси ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон асноҳ ба истифода супоридан ва шиносоӣ аз имконияти бино Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Истаравшан ба аъзо ва соҳибкорон ҷиҳати бунёди биноҳ хуштарҳу замонавӣ изҳори сипос намуда, кормандонро ба хизмати софдилона ва иҷрои масъулияти бузурги шаҳрвандӣ ҳидоят намуданд.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин, дар хиёбони Исмоили Сомонии шаҳри Истаравшан Маҷмааи хизматрасонии «Истаравшан Плаза»-ро дар вазъияти тантанавӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Иншоот аз таҳхона ва 13 ошёна иборат буда, дар доираи ҷашнҳои миллӣ аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Аскар Эшонов бо харҷи 8 миллион сомонӣ сохта шудааст. Дар ошёнаи якуми бино мағоза ва маркази хизматрасонӣ, дар ошёнаи дуюм ва сеюм меҳмонхона иборат аз 16 ҳуҷра, аз ошёнаи 4 то 13 -ум 36 хонаи истиқоматии 1, 2 ва 3 - ҳуҷрадор ҷойгир буда, иншоот дар 0,9 гектар замин сохта шудааст.

Маҷмаа бо тарҳи зебо ва шаклу услуби хоси меъморӣ бунёд гардида, пас аз мавриди истифода қарор гирифтан 20 сокини маҳаллӣ бо ҷои кори доимӣ таъмин шуданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон асноҳ ба истифода супоридани Маҷмааи хизматрасонии «Истаравшан Плаза» иқдоми наҷибона ва талошҳои соҳибкоронро баҳри татбиқи сиёсати бунёдкоронаи роҳбарияти давлат намунаи ибрат арзёбӣ карда, ба сифати корҳои анҷомёфта ва ободу зебо гардонидани як гӯшаи Тоҷикистони соҳибистиқлол баҳои баланд доданд.

Пас аз ифтитоҳи маҷмаа дар ҳамон ҷо Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо 110 нафар ятим, ки 89 нафар аз хонандагони мактаб - интернати шаҳри Истаравшан ва 21 нафари дигар хонандагони муассисаҳои таълимии шаҳр мебошанд, мулоқот карданд.

Ятимони муассисаҳои таълимии шаҳри Истаравшан аз меҳрубониву ғамхории падаронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳравар гардида, ба онҳо сарулибоси мактабӣ ва туҳфаҳои пулӣ тақдим шуд.

Дар идомаи ташаббусҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати дар шароити муосир ба таълиму тарбия фаро гирифтани ятимон Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Истаравшан сохтмони биноҳ иловагии мактаб - интернатро барои 120 нафар хонанда оғоз намуд.

Тибқи лоиҳа, иншоот аз ду ошёна иборат буда, дорои хобгоҳи бачагона, духтарона, китобхона, синфхонаҳои фаннӣ, ошхона ва дигар ҳуҷраҳои зарурӣ мебошад.

(Давомаш дар саҳ. 3)



# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ВИЛОЯТИ СУҒД

(Идома аз саҳ. 1-2)

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, дар хиёбони Исмоили Сомонии шаҳри Истаравшан Маркази инноватсионӣ ва истеҳсолии «Суғдиён» - ро ифтитоҳ карда, бо шароити он шинос шуданд.**

Маркази инноватсионӣ ва истеҳсолии «Суғдиён» дар масоҳати 387 метри мураббаъ аз тарафи соҳибкори маҳаллӣ Зафар Умаров бо харҷи 2 миллион сомонӣ бунёд гардидааст.

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки сохтмони иншоот соли 2015 оғоз гардида, он аз 3 ошёна иборат мебошад. Дар ошёнаи якум нуқтаи фурӯши компютерҳои муосир, камераҳои мушоҳидавӣ ва маркази омӯзиши барномаҳои компютерӣ ҷой дода шуда, 6 нафар бо кор ва маоши миёнаи аз 1500 то 1800 сомонӣ таъмин гардиданд.

Дар ошёнаи дуюм аз тарафи соҳибкори ватанӣ Хайрулло Исломов сехи дӯзандагӣ барои истеҳсоли куртаҳои мардона ва бачагона ташкил гардидааст.

Дар коргоҳ 20 дастгоҳи дӯзандагӣ ба маблағи 160 ҳазор сомонӣ харидорӣ ва васл шудааст. Дар ин замина, 26 зани маҳаллӣ бо ҷои нави кор ва бо музди миёнаи меҳнат аз 1200 то 1800 сомонӣ таъмин гаштанд. Аз тарафи соҳибкорон барои кормандони маркази инноватсионӣ дар ошёнаи сеюм ҳуҷраҳои кор, ошхона ва маркази истироҳатӣ ташкил гардидааст.

Баъди ифтитоҳи марказ ва шиносоӣ бо шароити кор дар он Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба иқдоми соҳибкорон дар самти ободии як гӯшаи диёр ва таъсиси ҷойҳои нави кор баҳои баланд доданд.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин, Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи ҷумҳуриявии ҳунарҳои мардумии шаҳри Истаравшан»-ро мавриди истифода қарор доданд.**

Бояд гуфт, ки бинои замонавии Коллеҷи ҷумҳуриявии ҳунарҳои мардумӣ бо дастгирии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар масоҳати 1,40 гектар бо сарфи 7 миллиону 755 ҳазор сомонӣ бунёд шудааст.

Дар соли 2022 барои идомаи корҳои сохтмонӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ 1 миллиону 800 ҳазор сомонӣ, аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Истаравшани вилояти Суғд 844 ҳазор сомонӣ ва аз тарафи соҳибкорони маҳаллӣ барои ободонии атроф ва мумфаршкунии роҳҳои назди муассиса 650 ҳазор сомонӣ ҷудо гардид.

Корҳои пудратиро коргарони Ҷамъияти саҳомии «МПМК - Ӯротеппа» бо сифати баланд ва ҷавобгӯ ба талаботи рӯз ба анҷом расондаанд.

Бинои Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи ҷумҳуриявии ҳунарҳои мардумии шаҳри Истаравшан» аз се ошёна иборат буда, коллеҷ аз рӯи 13 ихтисосу равияҳои ҳунарҳои мардумӣ, аз ҷумла санъат ва ҳунарҳои бостонии гулдӯзӣ, зардӯзӣ, кашидадӯзӣ, адрасу атласбофӣ ва қолинбофӣ, мутахассисони соҳибмаълумотро тайёр менамояд.

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки дар коллеҷ 43 нафар омӯзгор, рассом ва ҳунармандони халқӣ ба донишҷӯён нозукиҳои ҳунарҳои халқии тарроҳии либосҳои миллӣ, кандакорӣ, армуғонсозӣ, наққошӣ, графика ва хаттотӣ, гаҷкорӣ, заргарӣ, оҳангарӣ ва ғайраҳоро меомӯзонанд.

Ҳайати омӯзгорони коллеҷ аз профессор, дотсент, 3 нафар номзади илм, 5 - аспирант ва 2 нафар магистр иборат мебошад. Дар коллеҷи мазкур беш аз 270 донишҷӯ аз шаҳру ноҳияҳои вилоятҳои Суғду Хатлон ва дигар минтақаҳои Тоҷикистон таҳсил доранд.

Донишҷӯён, дар баробари омӯхтани ҳунарҳои мардумӣ, инчунин, имкон доранд, фанҳои фарҳангшиносӣ, таърихи Тоҷикистон, химия, математика, асосҳои соҳибкорӣ, технологияи информатсионӣ, асосҳои педагогика ва психология, забонҳои русиву англисӣ ва этикаи касбиро аз худ намоянд.

Зимни шиносоӣ бо шароити дар муассисаи таълимӣ фароҳамшуда Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба устодон барои истифодаи самараноки имкониятҳои ин даргоҳи ҳунар ва дар сатҳи баланд тарбия кардани шогирдон дастуру ҳидоятҳо доданд.

Дар ин даргоҳи ҳунар устодон ба шогирдон, инчунин, нозукиҳои фанҳои тахассусии расми соҳавӣ, композитсия, анатомияи пластикӣ, тарҳсозӣ, хаттотӣ, назарияи касбӣ, масолеҳшиносӣ ва ғайраро меомӯзонанд. Дар муассисаи таълимӣ китобхонаи электронӣ фаъолият менамояд, ки зиёда аз 550 ҳазор нусхаи китобҳои электрониро доро мебошад.

Мавриди зикр аст, ки аз оғози таъсисёбӣ ҳунармандони коллеҷ 70 маротиба дар намоишгоҳҳои эҷодии шаҳрӣ, 33 маротиба дар вилоятӣ ва 29 маротибаи дигар дар озмуну фестивалҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ширкат намуда, сазовори ҷоизаву ифтихорномаҳо шудаанд.

Зимни суҳбат омӯзгорон ва устодони Коллеҷи ҷумҳуриявии ҳунарҳои мардумии шаҳри Истаравшан ҷавобан ба ғамхориҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ваъда доданд, ки ба истиқболи ҷашни 30 - солагии Иҷлосияи XVI тақдирсози Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрои нақшаву чорабиниҳои тасдиқшударо дар самти таълиму тарбияи ҷавонон ва омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ дар сатҳи хубу сифати баланд таъмин менамоянд.

Мавриди зикр аст, ки таъсиси Коллеҷи ҷумҳуриявии ҳунарҳои мардумии шаҳри Истаравшан далели эътироф, пуштибонӣ ва ҳифзи ҳунарҳои мардумӣ аз ҷониби роҳбарияти олии сиёсии мамлакат ва падидаи наву нодири замони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Пас аз ифтитоҳи Коллеҷи ҷумҳуриявии ҳунарҳои мардумии шаҳри Истаравшан Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар саҳни ҳавлии муассиса аз намоишгоҳи дастовардҳои сокинони Истаравшан, аз ҷумла гӯшаҳои маҳсули ҳунарҳои дастӣ ва маҳсулоти кишоварзӣ, боздид намуданд.**

Дар намоишгоҳи зикршуда зиёда аз 50 намуд маҳсули ҳунарҳои дастӣ, аз ҷумла кордсозӣ, мисгарӣ, заргарӣ, кулолгарии бадеӣ, сафолкорӣ, аҷубасозӣ, кандакорӣ, армуғонсозӣ аз чӯб, созтарошӣ, чармгарӣ, кундалкашӣ, наққошӣ, тоқидӯзӣ, сӯзанидӯзӣ, қолинбофии дастӣ, атласу адрасбофӣ, оҳангарӣ, муаррифӣ гардид.

Дар намоишгоҳи маҳсулоти кишоварзӣ 60 навъи маҳсулоти кишоварзии хоҷагиҳои шаҳри Истаравшан, аз ҷумла, мевагиҳо, полезӣ, сабзавот, кабудиҳо ва намудҳои гуногуни хушкмева ба маъраз гузошта шуд.

Мавриди зикр аст, ки дар намоишгоҳи кишоварзӣ асосан навъҳои маҳсулоте, ки парваришаш танҳо дар минтақаи Истаравшан ва атрофи он ба роҳ монда мешавад, пешкаш гардид.

**(Идомаи гузориш аз ҷараёни сафари кории Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар шумораиояндаи рӯзнома нашр мешавад).**

www.president.tj




## МУШКИЛОТИ БОЗОРИ МАРКАЗӢ ВА КОРНОШОЯМИИ ҚУБУРҲО ДАР ШАҲРИ ВАҲДАТ



**Дар нишасти матбуотии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат, ки 3 августи соли 2022 доир гардид, хабарнигорон аз роҳбарият ва дигар масъулин сабабҳои вазъи ғайрисанитарии дарёи Кофарниҳон, бозори марказӣ, корношоям гардидани қубурҳои канализатсионӣ ва вайроншавии муҳити атрофро, ки бартарафсозии он аз ҷониби масъулон бо баҳонаҳои гуногун мавқуф гузошта мешаванд, пурсон шуданд.**

Раиси шаҳри Ваҳдат Мирзо Исмоилзода дар ҳолати ғайрисанитарӣ қарор доштани бозори марказии шаҳрро, ки дар шафати дарёи Кофарниҳон воқеъ аст, тасдиқ намуда, гуфт, ки он ба талабот ҷавобгӯ нест, зеро савдои кӯчагии назди бозор ва нуқтаҳои фурӯши ғайрирасмӣ то болои кӯпруки одамгузар, ки шаҳрро бо бозори «Хайр» мепайвандад, паҳн гардида, савдогарон ҳар лаҳза партовҳои ҷамъшударо ба дарё мепартоянд.

Аз бемасъулиятии мутасаддиён маҳсулот дар бозор ва роҳгузарҳои он рӯи замин гузошта мешавад, ки метавонад ба саломатии одамон хатар эҷод намояд. Кормандони Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ ва бахши Кумитаи амнияти озуқаворӣ дар шаҳри Ваҳдат ба сифати хӯрок, маҳсулоти кишоварзӣ ва гӯштиву ширии ба мардум пешкашгардида диққати ҷиддӣ намедиҳанд. Масъулини бахши Кумитаи ҳифзи муҳити зист дар шаҳри Ваҳдат ба тозагии оби дарёи Кофарниҳон, ки дар ду соҳили он партовҳои маишӣ ва сохтмонӣ партофта шудаанд, аҳамият надода, ҳатто рафтори фурӯшандагони болои кӯпрук, ки партовҳоро ба дарё мепартоянд, аз назорат дур мондааст.

Дар чанд соли охир қубурҳои канализатсияи шаҳр, ки аз деҳоти ба номи Раҷаб Исмоилов мегузарад, кӯҳнаву фарсуда гардидааст. Масъулин мушкилоти ҷойдоштаро тасдиқ намуда, гуфтанд, ки қубурҳои канализатсия ва иншооти тозагардонӣ солҳои пеш барои 40 ҳазор аҳолӣ сохта шудааст. Барои ҳалли мушкилот ба роҳбарияти КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» - и ҷумҳуриявӣ муроҷиат кардем. Алҳол интизори ҳалли мушкилӣ аз ҷониби корхонаи зикршуда мебошем.

Масъулини шаҳр ба суолҳои журналистон дар бораи сайди ғайриқонунии моҳӣ дар дарёи Кофарниҳон, аз фаъолият бозмондани коргоҳҳои дӯзандагӣ, корношоямии шабакаҳои гармидиҳӣ ва таъмин набудани биноҳои баландошёна бо гармӣ, аз партовҳо тоза набудани шоҳроҳи Душанбе - Ваҳдат посухҳои қаноатбахш дода натавонистанд.

**Муҳаммад ЗОКИР, «Садои мардум»**

## ТАВАҶҶУҲ БА ҶАЛБИ АЪЗОИ НАВ ХОСА АСТ



**Раиси Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамшед Ҷумъахонзода дар нишасти матбуотӣ, ки 5 августи соли 2022 баргузор гардид, иттилоъ дод, намояндагон ва аъзои палата дар ташкил намудани 28 бизнес – форум, 71 конференсияву мизи мудаввар ҳам дар шакли ҳузурӣ ва ҳам дар шакли маҷозӣ саҳмгузор буданд.**

Ҷиҳати тавсеаи муносибатҳои мутақобилан судманд миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ кормандони палата бо намояндагони корпусҳои дипломатӣ ва масъулини палатаҳои савдо ва саноати дигар кишварҳо, намояндагони институтҳои молиявӣ, шарикони рушд ва роҳбарони ширкату корхонаҳо ва соҳибкорону сармоягузорон 127 вохӯрӣ доир намуда, дар баргузории 18 намоишгоҳи дохилию хориҷӣ мусоидат намуданд. Аз ҷумла, 15 - умин Намоишгоҳи байналмилалии саноати пластикии «Iran Plast» дар шаҳри Теҳрони Ҷумҳурии Исломии Эрон, Намоишгоҳи байналмилалии «Import Goold Fair - 2020» дар шаҳри Сеули Ҷумҳурии Корея, Намоишгоҳи байналмилалии технологҳо, таҷҳизот ва техника барои боғпарварӣ ва ниҳолпарварии саноатӣ дар вилояти Ставрополи Федератсияи Россия.

Дар давраи зикршуда ба узвияти палата корхонаю ташкилотҳои нав ҷалб шуда, шумораи он ба 887 расид. Бо мақсади ҷалби корхонаю ташкилотҳо ва соҳибкорон ба аъзогии палата, ба суроғаи онҳо 321 маводи иттилоотӣ ва пешниҳоди тиҷоратӣ фиристода шуд.

Қобили қайд аст, ки дар ин давра дар давлатҳои хориҷии дуру наздик намояндагии палата ба 11 нафар расонида шуд, ки нисбат ба соли гузашта чор нафар зиёд мебошад.

**Абдухолиқ МИРЗОЗОДА, «Садои мардум»**

## ҲИСОР: ЧАРО РОҲҲОИ МАҲАЛЛӢ ТАЪМИРТАЛАБАНД?

**Раиси шаҳри Ҳисор Қосим Роҳбар 3 августи соли 2022 зимни нишасти матбуотӣ гуфт, ки бо мақсади таъмини рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии шаҳр соли 2021 «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Ҳисор барои солҳои 2021-2025» таҳия ва бо қарори Маҷлиси вакилони халқи шаҳр тасдиқ карда шуд.**



Зикр шуд, ки дар шаш моҳи аввали соли 2022 истеҳсоли маҳсулот 1 миллиарду 539 миллион сомониро ташкил намуда, суръати афзоиши он ба 102,9 фоиз баробар гардид. Истеҳсол ва коркарди маҳсулоти саноатӣ 110,7 фоиз, кишоварзӣ-103, савдо-101,4, хизматрасонии пулакӣ-103,7 ва сармоягузорӣ ва сохтмон 90 фоиз таъмин шудааст.

Дар ин давра ба ҷои 111,5 миллион сомонӣ ба буҷет 102,7 миллион сомонӣ андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ворид шуд, ки 92,2 фоизи нақшаро дар бар мегирад.

Тибқи маълумоти оморӣ, дар шаш моҳи аввали соли равон 58 корхонаи саноатӣ фаъолияти мунтазам дошта, 20 корхона бинобар нарасидани ашёи хом ва муфлисшавӣ аз фаъолият бозмонданд. Дар ҶДММ «Форам-09», ҶДММ «Нури Наср», ҶДММ «Равғани Ҳисор», ҶСК «Пахтаи Ҳисор», ҶДММ «Камфорт-76», ҶДММ «Девори бузург» ва ҶДММ «Мурғи Сабо» бо сабаби фарсуда гардидани таҷҳизот, ба рақобат тоб наовардан ва норасоии мавзеъ барои бунёди минтақаи саноатӣ мушкилии зиёд пеш омадааст. Дар шаҳри Ҳисор 5 корхонаи саноатӣ, аз қабили ҶДММ «Ширкати маводи сохтмонии Тоҷикистон», ҶДММ «Ваҳдат Текстайл», ҶДММ «Юсуфҷон 2020», «ҶДММ «Сино Тоҷир» ва ҶДММ «Мурғи Ҳилол» ба фаъолият оғоз намуда, барои таъмини нишондиҳандаи рушди соҳаи саноати шаҳр таъсири мусбат расонидаанд.

Қосим Роҳбар оид ба иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ошкор кардан ва ба ҳисоб гирифтани партовҳои бесоҳиб» гуфт, ки дар ин самт камбудиҳо ҷой дорад. Дар шаҳраку деҳоти шаҳри Ҳисор 42 нуқтаҳои партовҷамъкунии мувaққатӣ фаъол буда, 20 маҳалла ва 124 деҳа ҷои муайяни партовпартоиро надоранд. Ин омил ба муҳити зист таъсири манфӣ расонида, хатари паҳнгардии бемориҳои сироятиро эҷод менамояд.

Дар нишасти матбуотӣ оид ба мушкилоти дастрасии аҳолӣ бо оби тоза дар шаҳраки «Шарора», деҳоти «Сомон» ва «Алмосӣ» масъалагузорӣ шуд. Маълум гардид, ки роҳҳои нақлиётгарди Ҳисор - Шарора дар масофаи 6,6 километр, роҳи самти Қалъаи Ҳисор то деҳаҳои Сумбула, Куҳнабой ва Равшан қариб пурра корношоям буда, роҳи дараи Алмосӣ қисман таъмирталаб аст. Қосим Роҳбар аз мавҷудияти камбудиҳо нигаронӣ карда, масъулони идораҳои дахлдорро барои бетаъхир бартарафсозии мушкилиҳо вазифадор кард.

**М. ЗОКИР, «Садои мардум»**



**- Аз ибтидои фаъолияти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шӯроҳои диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмӣ 1588 парвандаи аттестатсионӣ ва диссертатсия ворид шуд. Аз ин теъдод 124 парванда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм, 1379 парванда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва 85 парванда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) мебошад, - гуфт зимни нишасти матбуотӣ раиси он Розиқзода Абдулҳаким Шералӣ.**

## ДАР КОА ШАҲРВАНДОНИ ХОРИҶӢ НИЗ ДИССЕРТАТСИЯ ҲИМОЯ МЕКУНАНД

Аз шумораи умумӣ 1370 диссертатсия тасдиқ шуд, ки аз он 115 парванда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм, 1179 - то барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва 76 парванда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аст.

Розиқзода Абдулҳаким Шералӣ таъкид намуд, ки то имрӯз дар шӯроҳои диссертатсионӣ 29 шаҳрванди хориҷӣ, аз ҷумла шаҳрвандони Ӯзбекистон, Қазоқистон, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Туркия диссертатсия ҳимоя намудаанд.

Барои муайян намудани асолати диссертатсияҳои воридшуда аз барномаи «Антиплагиат» васеъ истифода мегардад. Истифодаи барнома имкон дод, ки ҳолатҳои зиёди асардуздӣ ошкор гардад, ки ин амал барои илм нанговар аст. Ҳолатҳои даъвои шаҳрвандони хориҷӣ низ оид ба ҳодисаҳои асардуздӣ ҷой дорад, ки он ба обрӯ ва имиҷи давлату миллат латма ворид месозад.

Яке аз ҳадафҳои таъсиси комиссия таъмини қонуният, шаффофият, ҳамчунин, мустақилияти пурраи комиссия, аз ҷумла вобаста набудани он аз дигар сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар самти аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмӣ - техникии тахассуси олӣ, мебошад. Бинобар ин, бо такя ба таҷрибаи ҷаҳонӣ таъмини заминаи ҳуқуқии шинохту эътирофи ин ниҳод мақоми аввалиндараҷаро касб намудааст.

**ВОРИС, «Садои мардум»**

## МУСОДИРАИ МАВОДИ НАШЪАДОР ЗИЁДУ НАШЪАМАНД КАМ ШУДААСТ

**- Аз моҳи августи соли 2021 то моҳи июли соли равон дар ноҳияҳои наздисарҳадии Тоҷикистон бо Афғонистон беш аз се тонна маводи нашъаовар мусодира шуд. Ин дар ҳолест, ки дар соли 2020 мусодираи маводи нашъаовар дар ноҳияҳои наздисарҳадӣ ба 1 тоннаю 185 килограмм баробар буд, - зикр кард директори Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳабибулло Воҳидзода 5 августи соли равон зимни нишасти матбуотӣ.**

Иттилоъ гирифтем, ки дар шаш моҳи аввали соли равон дар ҷумҳурӣ аз муомилоти ғайриқонунӣ 2 тоннаву 578 килограмму 145 грамм маводи нашъадор мусодира шуд, ки дар муқоиса бо ҳамин давраи соли гузашта 52 дарсад ё 882 килограмму 500 грамм зиёд мебошад.



Маводи нашъаовари дар ин нимсола мусодирагардида аз нишондиҳандаи соли 2020-ум 37,4 фоиз зиёд аст.

Мувофиқи маълумоти оморӣ, дар нимсолаи якуми соли 2022 аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратии Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 ҳазору 482 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин 384 ҷиноят вобаста ба маводи нашъадор мебошад. Ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 62 ҷиноят ё 13,9 фоиз кам мебошад.

Масъулини агентӣ иттилоъ доданд, ки дар нимсолаи якуми соли 2022 дар ҷумҳурӣ 4437 нашъаманд ба қайд гирифта шудаанд, ки 100 нафари онҳо зан мебошанд. Ин нишондод дар муқоиса бо ҳамин давраи соли гузашта 11 дарсад кам аст.

**Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА, «Садои мардум»**

**Раиси ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ Сафар Раҳимзода зимни нишасти матбуотӣ, ки 29 июли соли 2022 доир шуд, иттилоъ дод, ки дар деҳоти «Яккатут» бунёди фабрикаи ресандагӣ ба нақша гирифта шудааст. Баъди ба истифода додани он 950 сокини маҳаллӣ бо ҷои кор таъмин хоҳанд шуд.**

## ИСТЕҲСОЛИ МАҲСУЛОТИ ВОРИДОТИВАЗКУНАНДА АФЗУД



Зикр гардид, ки дар шаш моҳи сипаригашта дар ноҳия панҷ корхонаи саноатӣ, аз ҷумла корхонаи собунбарорӣ, равғанбарорӣ, пахтақабулкунӣ ва коғази ташноб мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд.

Айни замон сохтмони коргоҳи макаронбарорӣ идома дорад ва дар назар аст, ки моҳи сентябри соли ҷорӣ ба истифода дода шавад.

Дар умум, соли ҷорӣ бояд дар ноҳия 17 иншоот бунёд гардад, ки аз он 7 адад коргоҳу корхонаҳои саноатӣ мебошанд. То ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатӣ дар ноҳия 203 иншооти таъиноти гуногун сохта мешавад.

**С. СУЛАЙМОН, «Садои мардум»**

## ҚУБОДИЁН: КОРХОНАИ ИСТЕҲСОЛИ СЕМЕНТ БУНЁД МЕШАВАД



**То ҷашни 35 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Қубодиён бунёди 130 иншооти таъиноти гуногун ба нақша гирифта шудааст, ки аз ин шумора 12 корхонаи саноатӣ мебошад.**

Тавре раиси ноҳия Бадриддин Садриддинзода зимни нишасти матбуотӣ, ки 2 августи соли ҷорӣ баргузор гардид, иттилоъ дод, соли ҷорӣ 20 иншоот мавриди баҳрабардорӣ қарор мегирад.

Соли равон дар ноҳия се корхонаи истеҳсолӣ ба фаъолият оғоз намуд ва дар шаш моҳи оянда бояд боз панҷ корхона ба истифода дода шавад.

Инчунин, дар деҳоти ба номи Носири Хусрави ноҳия бунёди калонтарин корхонаи истеҳсоли семент ба нақша гирифта шудааст, ки иқтидори истеҳсолии он дар як шабонарӯз 5 ҳазор тоннаро дар бар мегирад. Баъд аз мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани он зиёда аз ду ҳазор сокини маҳаллӣ бо ҷои кори доимӣ ва маоши хуб таъмин хоҳанд шуд.

**С. СУЛТОНОВ, «Садои мардум»**

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 26 августи соли 2022 музоядаи № 15-ро оид ба фурӯши воситаҳои нақлиёти қаблан дар истифодабуда барпо менамоянд

| т/р | Тамға | Рақами давлатӣ ё бақайдгирӣ | Соли барориш ё ба истифодадиҳӣ | Мансубият | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ГАЗ – 53-12 | 04-92 | 1996 | Филиали ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» дар шаҳри Хуҷанд | 10 000 |
| 2 | ИЖ – 2715 | 49-63 | 1995 | Филиали ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» дар шаҳри Хуҷанд | 8 000 |
| 3 | ГАЗ – 66 | 11-02 | 1983 | Филиали ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» дар шаҳри Хуҷанд | 20 000 |
| 4 | Электропогрузчики К-103 | | 1996 | Филиали ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» дар шаҳри Хуҷанд | 6 000 |
| 5 | ГАЗ – 52 | 04-97 | 1985 | Филиали ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» дар шаҳри Хуҷанд | 20 000 |
| 6 | Нива-Лада | 133 ZA 01 | 2007 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нефту газ» | 15 000 |
| 7 | Чанган | 454 ZC 01 | 2009 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нефту газ» | 15 000 |
| 8 | Чанган | 455 ZC 01 | 2009 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нефту газ» | 10 000 |
| 9 | Чанган | 442 ZC 01 | 2008 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нефту газ» | 15 000 |
| 10 | Чанган | 439 ZC 01 | 2008 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нефту газ» | 15 000 |
| 11 | ГАЗ – 52-12 | 479 ZC 01 | 1988 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нефту газ» | 15 000 |
| 12 | СН-6390 в РТ 01 | 446 ZC 01 | 2007 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нефту газ» | 10 000 |
| 13 | ГАЗ – 52 | 491 ZC 01 | 1982 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нефту газ» | 20 000 |
| 14 | ГАЗ – 53 | 482 ZC 01 | 1989 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нефту газ» | 18 000 |
| 15 | Автопогрузчики 4045 | 18-43 TT 01 | 1985 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нефту газ» | 5 000 |
| 16 | ГАЗ – 5204 | 477 ZC 01 | 1989 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нефту газ» | 18 000 |
| 17 | Автобуси «ЧАЗ» 3223 | 472 ZC 01 | 2008 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нефту газ» | 14 000 |
| 18 | ГАЗ – 66 | 476 ZC 01 | 1988 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нефту газ» | 25 000 |
| 19 | ГАЗ – 330900 | 486 ZC 01 | 1998 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нефту газ» | 20 000 |
| 20 | Автопогрузчики ДР-1621 | 6818 | 1987 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нефту газ» | 20 000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда соати **$10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 30 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 14 сентябри соли 2022 музоядаи № 2-ро оид ба фурӯши иншооти ғайриманқул барпо менамоянд

**- Бинои анбор (истгоҳи техникаҳо), мутааллиқ ба Идораи беҳдошти замин ва обёрии шаҳри Турсунзода, воқеъ дар шаҳри Турсунзода. Нархи ибтидоӣ - 150000 сомонӣ.**

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда - **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад.

Музояда соати **$10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 700 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ЗАПРОС НА ВЫРАЖЕНИЯ ЗАИНТЕРЕСОВАННОСТИ

**Агентство по гидрометеорологии Комитета охраны окружающей среды при Правительстве Республики Таджикистан получило финансирование от Всемирного банка для Проекта модернизации гидрометеорологического обслуживания в Центральной Азии (Дополнительное финансирование) и намеревается использовать часть средств на услуги Исполнительного директора в Подразделение по Координации Проекта.**

**Агентство по гидрометеорологии приглашает квалифицированных кандидатов предоставить резюме и письмо с выражением интереса для участия в конкурсе на оказание вышеуказанных услуг.**

**Квалификационные требования:**

- Высшее образование в области, гидрометеорологии, экологии, экономики и финансов, юриспруденции или смежных дисциплин;
- Не менее 3 лет опыта административного управления, предпочтительно в структуре Таджикгидромета;
- Опыт работы по инвестиционным проектам или реализации программ оснащения гидрометеорологических служб. Желателен практический опыт работы в организации и управлении группами координации и управления проектом;
- Владение компьютером с хорошо развитыми навыками работы с приложениями Microsoft Office;
- Отличные аналитические способности и навыки общения, способность представлять информацию в ясной и точной форме и в соответствующем формате;
- Сильные коммуникативные и переговорные навыки. Большой опыт в управлении междисциплинарной командой в плане создания атмосферы сотрудничества и генерации идей;
- Отличное знание контекста развития Таджикистана. Хорошие знания и опыт работы с национальными учреждениями, донорами, гражданским обществом и другими действующими лицами в этой области;
- Предыдущий опыт оказания помощи в целях развития или связанной с этим работы для донорской организации, НПО или частного сектора/консалтинговой фирмы является очень сильным преимуществом.

Исполнительный директор ПКП будет отобран в соответствии с процедурами, указанными в руководстве Всемирного банка «Закупки в рамках финансирования инвестиционных проектов» (издано в июле 2016 года, дополнено и переработано в ноябре 2017 года и августе 2018 года).

Заинтересованные лица могут получить дополнительную информацию по адресу, указанному ниже, в рабочие часы (с $8^{00}$ до $17^{00}$).

Выражения заинтересованности и резюме должны быть доставлены по нижеследующему адресу до 22 августа 2022 г. до $17^{00}$ местного времени.

**Агентство по гидрометеорологии**
**Вниманию: Курбонзода Абдулло, Директор.**
**734025, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Б. Гафурова 373.**
**Тел: +992988 930047.**
**E-mail: cahmppcu@gmail.com , копия: abdulloqurbonov10@mail.ru**
**Вебсайт: www.meteo.tj**

## ЗАПРОС НА ВЫРАЖЕНИЯ ЗАИНТЕРЕСОВАННОСТИ

**Республика Таджикистан**

**Дополнительное финансирование**

**Проект «Модернизации гидрометеорологического обслуживания в Центральной Азии Компонент С»**

**Название задания:** Консультационные услуги «Оптимизация и автоматизация гидрометеорологического производства с учетом новых возможностей модернизированной сети».

**Ссылка №.** TJ-CS/CQS-08

Агентство по гидрометеорологии Комитета по охране окружающей среды при Правительстве Республики Таджикистан получило дополнительное финансирование для Проекта «Модернизации гидрометеорологического обслуживания в Центральной Азии Компонент С», грант D3620-TJ и намеревается использовать часть этих средств для консультационных услуг «Оптимизация и автоматизация гидрометеорологического производства с учетом новых возможностей модернизированной сети».

Основной целью оказания консультационных услуг в рамках настоящего технического задания является поддержка Таджикгидромета в оптимизации и автоматизации гидрометеорологического производства для наиболее эффективного и рационального использования возможностей модернизированной сети для удовлетворения спроса пользователей, включая автоматизацию производства гидрометеорологических прогнозов и бюллетеней, оправдываемость прогноза, услуги по предупреждению, управления данными, публикаций, автоматизация гидрометеорологических данных, информации и услуг для удовлетворения потребностей пользователей; в соответствии с правовыми обязанностями Таджикгидромета и соответствующими положениями, рекомендациями ВМО по предоставлению услуг с учетом новых возможностей модернизированной сети.

Максимальная продолжительность задания составит 6 (шесть) месяцев.

Агентство по гидрометеорологии Комитета по охране окружающей среды при Правительстве Республики Таджикистан, настоящим приглашает правомочные консультационные фирмы («Консультанты»), чтобы заявить о своей заинтересованности в предоставлении услуг.

Соответствующие критериям заинтересованные консультанты должны предоставить информацию, указывающую на их квалификацию для участия в предоставлении вышеуказанных услуг (брошюры, описание аналогичных заданий, описание опыта работы в аналогичных условиях, наличие соответствующих навыков у персонала). Консультанты могут объединяться с другими консалтинговыми фирмами в форме совместного предприятия или субконсультанта для повышения своей квалификации. Все члены совместного предприятия несут солидарную ответственность за выполнение всего задания.

**Критерии отбора:**

Общий опыт работы фирмы в сфере консультационных услуг не менее 10 лет.

По крайней мере, 2 (два) подобных задания выполнены фирмой.

Опыт работы в проектах, финансируемых международными донорскими организациями, такими как Азиатский Банк развития, Всемирный банк (минимум два проекта).

Региональный опыт реализации проектов в странах Содружества Независимых Государств.

Внимание заинтересованных консультантов обращается на Раздел III параграфы 3.14, 3.16 и 3.17 «Положений Всемирного банка о закупках для заёмщиков ФИП, июль 2016 года и обновленные в августе 2018 года», в которых излагается политика Всемирного банка в отношении конфликта интересов.

Консультант будет выбран в соответствии с методом ОКК (Отбор на основании квалификации консультантов), изложенным в Положении о закупках.

Техническое задание и другую дополнительную информацию можно получить по указанному ниже адресу в рабочее время с ($08^{00}$ утра до $17^{00}$ вечера по местному времени).

Выражение заинтересованности должно быть подготовлено на английском и русском языках и должны быть доставлено по электронной почте на указанный ниже адрес до $17^{00}$ по местному времени 30 августа 2022 года.

**Агентство по гидрометеорологии**
**Вниманию: Курбонзода Абдулло, Директор.**
**734025, ул. Б. Гафурова 373, г. Душанбе, Республика Таджикистан.**
**Телефон: +992 988 930047.**
**Электронная почта: cahmppcu@gmail.com, скопировать на: abdulloqurbonov10@mail.ru**

**Вебсайт: www.meteo.tj**

**БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!**

## ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 410884 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №54-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии вилояти Хатлон | Таъмири ҷории бинои муассиса, кандани тирезаҳои чӯбин ва насби тирезаҳои пластикӣ, таъмири фарш | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 20.08.2022 11:14:03 |
| 2 | 410869 | Муассисаи давлатии «Маркази экспертизаи судӣ - тиббӣ»-и шаҳри Хуҷанд | Маводи кимиёвӣ ва лавозимоти лабораторӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 30 | 29.08.2022 15:10:00 |
| 3 | 410870 | Муассисаи давлатии «Театри намунавӣ - минётураи «Ойина» | Таҷҳизот | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 29.08.2022 15:30:00 |
| 4 | 410871 | Беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои сироятии кӯдаконаи шаҳри Душанбе | Доруворӣ ва масрафшавандаи тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 44 | 29.08.2022 16:40:00 |
| 5 | 410873 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Сӯзишвории дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 29.08.2022 17:00:00 |
| 6 | 410874 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Бензин ва сӯзишвории дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 29.08.2022 17:20:00 |
| 7 | 410875 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» | Подиуми саҳнавӣ, мебел, парда ва таҷҳизоти хонандаи корти пластикӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 23 | 29.08.2022 17:35:35 |
| 8 | 410876 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» | Масолеҳи сохтмонӣ ва обгармкунаки барқӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 12 | 29.08.2022 17:35:35 |
| 9 | 410877 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» | Кулери об ва кондитсионер | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 29.08.2022 17:35:35 |
| 10 | 410878 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» | Лифти мусофиркашонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 29.08.2022 17:35:35 |
| 11 | 410879 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» | Насби лифти мусофиркашонӣ дар бинои таълимии №2-и муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 29.08.2022 17:35:35 |
| 12 | 410880 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсей барои хонандагони болаёқат» дар шаҳри Хуҷанд | Мизу курсии талабагӣ, тахтаи синфӣ, насоси гардиши об, маводи канселярӣ, хоҷагидорӣ, гипохлорид ва оҳак | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 30 | 30.08.2022 10:00:00 |
| 13 | 410882 | Шуъбаи маорифи ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Барои таъмин намудани хӯрокворӣ ва хӯроки гарм дар истироҳатгоҳи кӯдаконаи «Шарора» дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 30.08.2022 11:15:00 |
| 14 | 410885 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 91-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 30.08.2022 11:25:00 |
| 15 | 410881 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе | Сӯзишвории дизелӣ, бензин ва гази моеъ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 30.08.2022 12:00:00 |
| 16 | 410883 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Асфалти гарми майдадона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 30.08.2022 12:00:00 |
| 17 | 410853 | Кумитаи бехатарии озуқаворӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сохтмони бинои «Маркази таъминот ва ташхиси бехатарии озуқаворӣ» дар ноҳияи Мурғоб | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 30.08.2022 13:20:00 |
| 18 | 410886 | Беморхонаи ноҳиявии №2-и Ҷамоати деҳоти «Ёва»-и ноҳияи Б. Ғафуров | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 30.08.2022 14:05:00 |
| 19 | 410887 | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат | Таъмири ҷории намои бино | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 30.08.2022 14:18:36 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни «Сана ва вақти кушодани лифофаҳо» муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

## МУКОФОТ ИНТИЗОР!

Шиносномаи шаҳрвандӣ, шаҳодатномаи ронандагӣ, кортҳои бонкӣ мутааллиқ ба Тағоев Субҳониддин Тоҷиддинович гум шудаанд.

Шахсоне, ки онҳоро ёфта баргардонанд, мукофот интизор аст.

Телефонҳо барои тамос: 989-00-00-67, 930-10-00-95.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи А №257168-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №3-и ноҳияи Варзоб соли 1996 ба Боев Илҳомҷон Сангинмуродович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми синфи нуҳуми силсилаи Б № 466193-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №19-и ноҳияи Қубодиён соли 1983 ба Нуриддинова Насибахон Шодмоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи меҳнатии гумшуда, ки онро Институти иқтисодиёт ва демография АМИТ ба Самадова Ниссо Ҳакназаровна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидорӣ таҳти қайди № 2648-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе соли 2007 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ, бинои 55/1-18 ба Насрулла Лангар Хан додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ЕВ № 233559 таҳти қайди № 286-и гумшуда, ки онро Институти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон соли 1979 ба Камолов Мирғози Додович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникӣ барои хонаи истиқоматӣ, шартномаи хариду фурӯши ҳавлидорӣ таҳти феҳристи № 1Ш-2112, дафтари ҳавлидорӣ, шаҳодатномаи бақайдгирии гумшуда бо суроғаи шаҳри Душанбе гузаргоҳи 15-уми кӯчаи 40-солагии Тоҷикистон (ҳоло кӯчаи А. Қаҳҳоров), хонаи 4, мутааллиқ ба Кулов Баходир Хайруллаевич, эътибор надоранд.

✓ Шартномаи хариду фурӯши таҳти феҳристи № 6Д – 1721-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 13 ноябри соли 2005 бо суроғаи шаҳри Душанбе, гузаргоҳи 15-уми кӯчаи 40-солагии Тоҷикистон, хонаи 4 ба Ахмаджанов Саидрахмон Хасанжонович додааст, эътибор надорад.

✓ Билети ҳарбии силсилаи АА № 153817-и гумшуда, ки онро Комиссариати ҳарбии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2021 ба Ҷобиров Далер Маҳмадсобирович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе соли 1994 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Федин, М-3, бинои 2, ҳуҷраи 8 ба Добкин Александр Александрович додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи силсилаи ТСИ № 0001822 таҳти қайди 1956-и гумшуда, ки онро Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмати Вазорати саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Абдулоева Гулчеҳра Исматовна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати хатми таҳсилоти миёнаи умумии силсилаи А № 021428-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №116-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 1992 ба Ҷобиров Аҳлидин Сафаралиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти соҳибкорӣ бо РЯМ 0331382719-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе соли 2018 ба Азимов Бедил Шарифхонович додааст, эътибор надорад.

✓ Созишномаи гумшуда оид ба тартиби супоридани амволи ғайриманқул ба сифати ҳисса ба сармояи оинномавии ҶДММ «Биҳиштӣ», ки байни Раҳмонова Таҳмина Эмомалиевна ва ҶДММ «Биҳиштӣ» баста шуда, таҳти феҳристи 1Ш-88 дар Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Хуросон 31 декабри соли 2010 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ва Иқтибос бо РЯМ 0331359839, РМА 037209051-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ба Хоҷаев Ромеш Расулҷонович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникӣ бо рақами инвентарии 10938-и гумшуда, ки онро КФБТ-и шаҳри Ҳисор 27 марти соли 2009 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Сомон, деҳаи Шӯроби поён ба Олимов Миралӣ додааст, эътибор надорад.

Аҳли қалами рӯзномаи «Садои мардум» ба сардабири ҳафтаномаи «СССР» Сайёфи Мизроб бинобар даргузашти бародараш

**АСЛИДДИН ДОСТИЕВ**

изҳори ҳамдардӣ намуда, аз даргоҳи Худованд ба эшон ва пайвандони марҳум сабри ҷамил хоҳонанд.

**Хонандагони азиз, хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро метавонед аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Садои мардум
Конститутсия - кафолати ҳуқуқи инсон ва ҳамзистии ҳамаи миллатҳо

САРМУҲАРРИР
АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неъкқадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ: www.sadoimardum. tj ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 17 марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97

Ба чопаш 10 августи соли 2022, соати 15:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33455 нусха

Навбатдори шумора
Б. Каримзода

Тарроҳони компютерӣ
Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров